**МАЪЛУМОТНОМАИ**
**асоснокнамоии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**«Дар бораи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ»**

Бо мақсади таъмини иҷрои банди 17 Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020-2021 оид ба амалисозии Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2020, №115 тасдиқ шудааст, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ» (минбаъд - лоиҳа) аз ҷониби Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Лоиҳа аз муқаддима, 5 боб ва 30 модда иборат буда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ танзим намуда, барои дастрасӣ ба манзил шароит фароҳам оварда, манфиатҳои қонунии ҳиссагузорон ва ширкатҳои сохтмониро ҳифз менамояд.

Инчунин, лоиҳа муносибатҳои идоракунии давлатӣ дар самти мазкур, ташкили фаъолият дар самти сохтмони іиссагии бинои истиқоматӣ, иттилоот оид ба ширкати сохтмонӣ ва лоиҳаи сохтмон, муҳлати супоридани объекти сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ, бақайдгирии давлатии ҳуқуқи моликияти ҳиссагузор ба объекти сохтмон, шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ, талаботҳо оид ба бақайдгирии давлатии шартнома, нарх дар шартнома, иҷрои уҳдадориҳо тибқи шартнома, ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳиссагузор ва ширкати сохтмонӣ, ҳалли баҳсҳо вобаста ба сохтмон ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талаботи қонуни мазкурро танзим менамояд.

Дар раванди таҳияи лоиҳа қонуни моделии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил "Дар бораи сохтмони иншоотҳои ғайриманқул бо шарикии ҳиссагӣ", ки бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 27 ноябри соли 2020, №51-9 тасдиқ гардидааст, таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла, Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Белорусия, Қазоқистон, Қирғизистон,

Туркманистон, Ӯзбекистон ва давлатҳои дигар бо дарназардошти таҷрибаи ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалияи муносибатҳои сохтмони ҳиссагии биноҳои истиқоматӣ ва низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шудааст.

Лоиҳа бо дарназардошти таклифҳои вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, идораи замин ва геодезӣ, инчунин кумитаҳои меъморӣ ва сохтмон, андоз, забон ва истилоҳот, Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Бонки миллии Тоҷикистон такмил дода шуда, такроран барои баррасӣ пешниҳод мегардад.

Тибқи талаботи моддаҳои 34-38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» лоиҳаи Қонуни мазкур аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида шуд.

Дар асоси банди 15 Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ арзёбии идоравии лоиҳа гузаронида шуда, омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар он ошкор нагардид.

Лоиҳа ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузорӣ мутобиқ буда, аз буҷети ҷумҳуриявӣ хароҷоти иловагиро талаб наменамояд.

Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон